**Отзыв**

**на автореферат диссертации Норовой Зарины Исломовны по теме «Развитие мировосприятия учащихся начальных классов посредством устного народного творчества», представленной на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01-Общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки)**

Актуальность темы исследования З. И. Норовой обусловлена необходимостью решения проблемы развития мировосприятия младших школьников посредством изучения произведений устного народного творчества. Современная педагогическая наука развивается на основе диалектического единства интернациональной и национальной культуры. Любая национальная школа, как учебно-воспитательное учреждение общества обязана идти на шаг впереди общества и зажигать свет знаний и духовной культуры и развития человека, опираясь на методологию, учитывающую единства природы и общества, материального и духовного быта, интерпретировать изменения и развития, использовать передовые идеи национальной и общечеловеческой философии.

Научная методология подтверждает, что развитие мировосприятия учеников закладывается в начальной школе. Изучение народной педагогики, которая сохранилась в традициях, обычаях, обрядах, отраженных в устной и письменной литературе в этом направлении играет важную роль. Произведения устного народного творчества широко представлены в учебниках для начальных классов. Расширение практики использования традиции народа, накопление материала и опыта подтверждают актуальность исследования.

Начальная школа регулярно занимается умственным воспитанием и развитием мышления, мироощущения (характера), внимания, памяти, воли и чувств человека. В связи с практической реализацией этих задач необходимо комплексное исследование народной педагогики и национальных ценностей, традиций и их использования в современной системе образования и обоснование с научной и дидактической точки зрения преподавания предметов родного языка, литературы в начальных классах.

Сформулированные диссертантом цель и задачи исследования дают представление о динамике исследовательского поиска и объеме проделанной работы. Среди поставленных задач особую практическую значимость имеют выявление педагогических и психологических особенностей развития

мировосприятия у учащихся начальных классов и возможностей фольклорных жанров в формировании мировосприятия у детей.

Новизна позиции автора заключается в обосновании и определении содержания и развития мировосприятия учащихся начальных классов посредством устного народного творчества в образовательном процессе;

К достоинствам работы следует отнести следующее:

-представлено целостное исследование по актуальной педагогической проблеме;

-представлены значимые теоретические представления о детском мировосприятии и законов развития мировосприятия в таджикской педагогике.

-выявлены общепедагогические закономерности мировосприятия в контексте устного народного творчества, в том числе жанров рассказа, стихов и пословиц.

-полученные в ходе исследования результаты имеют существенное значение для науки и практики.

В качестве спорного момента считаем необходимым поставить вопрос о технологии развития мировосприятия на конкретных примерах использования различных жанров устного народного творчества. Хотелось бы уточнить их особенности в связи с различными видами мировосприятия, соответствующей методики организации учебной деятельности учащихся.

Автор, по нашему мнению проделала серьезную работу, которая позволила выявить и раскрыть сущностную характеристику развития мировосприятия посредством изучения произведений устного народного творчества. Полученные результаты и выводы могут использоваться в практике обучения и воспитания учащихся начальных классов.

Ознакомление с текстом автореферата на тему «Развитие мировосприятия учащихся начальных классов посредством устного народного творчествава» позволяет утверждать, что он отражает основные направления проведенного исследования. Тематика опубликованных работ диссертанта соответствует проблематике диссертационного исследования.

На основании изложенного можно сделать вывод, что исследование Норовой Зарины Исломовны на тему «Развитие мировосприятия учащихся начальных классов посредством устного народного творчества», представляет собой завершенную научно-квалификационную работу. Она отвечает требованиям «Положения о порядке присуждения ученых степеней», утвержденного Постановлением правительства Республики Таджикистан от 25.06 2023 г. № 295. Соискатель заслуживает присуждения ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01 –

общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки).

Грибкова Ольга Владимировна,
доктор педагогических наук (13.00.02 –
Теория и методика обучения и воспитания (музыка)),
доцент, Государственное автономное
образовательное учреждение высшего образования
города Москвы «Московский городской педагогический университет»,
Институт культуры и искусств,
департамента музыкального искусства,
профессор департамента

_________________ /Грибкова О.В./

Контактные данные:
Грибкова Ольга Владимировна
ГАОУ ВО г. Москвы «МГПУ»,
1292262-ой Сельскохозяйственный пр, д.4,
Рабочий телефон: 8 (499)1382579(доб.126)
e-mail места работы: Gribkova@mgpu.ru
web-сайт организации: https://www.mgpu.ru.

06.12.2024г

С основными научными публикациями Грибковой Ольги Владимировны можно ознакомиться на сайте в сети Интернет: https:// e-library.ru.

Подпись руки О.В. Грибковой
УДОСТОВЕРЯЮ
Начальник отдела кадрового учета
В.Н. Шолохова

**Тақриз**

**аз рӯи реферати рисолаи Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи «Инкишофи ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии мардумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст**

Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти З.И.Норова ба зарурати ҳалли масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути омӯзиши осори эҷодиёти шифоҳии мардумӣ вобаста аст. Илми педагогикаи муосир дар асоси ягонагии диалектикии маданияти байналмиллалӣ ва миллӣ инкишоф меёбад. Ҳар мактаби миллӣ ҳамчун муассисаи таълимӣ-тарбиявии ҷомеа муваззаф аст, ки дар асоси методологияе, ки ягонагии табиату ҷомеа, моддию тарбияивиро дар назар дорад, аз ҷомеа як қадам пеш рафта, нури донишу фарҳанги маънавӣ ва рушди инсонро мунаввар созад, хаёти маънавӣ, тафсири дигаргуниҳо ва пешравиҳо, истифода бурдани идеяҳои пешқадами фалсафаи миллӣ ва умумибашариро омӯзад.

Методологияи илмӣ тасдиқ мекунад, ки ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ оғоз мешавад. Дар ин самт омӯзиши педагогикаи халқӣ, ки дар урфу одат, расму ойин нигоҳ дошта шуда, дар адабиёти шифоҳию хаттӣ инъикос ёфтааст, нақши калон мебозад. Дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ асарҳои эҷодиёти шифоҳии халқ васеъ инъикос ёфтаанд. Вусъат додани амалияи истифодаи анъанаҳои мардумӣ, ҷамъ кардани маводу таҷриба аҳамияти тадқиқотро тасдиқ мекунад.

Мактаби ибтидоӣ мунтазам бо тарбияи равонӣ ва инкишофи тафаккур, ҳиссиёти ҷаҳон (хосият), таваҷҷӯҳ, хотира, ирода ва эҳсосоти шахс машғул мешавад. Вобаста ба татбиқи амалии ин вазифаҳо зарур аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи педагогикаи мардумӣ ва арзишҳои миллӣ, анъана ва истифодаи онҳо дар системаи маорифи муосир ва асосноккунии аз нигоҳи илмию дидактикӣ барои таълими фанҳои забони модарӣ адабиёт дар синфҳои ибтидоӣ ба роҳ монда шавад

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти аз ҷониби муаллифи рисола таҳияшуда дар бораи динамикаи ҷустуҷӯи тадқиқот ва ҳаҷми корҳои анҷомдодашуда тасаввурот медиҳанд. Миёни вазифаҳои ба миён гузошташуда муайян намудани хусусиятхои педагогӣ ва психологии инкишофи ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва имкониятҳои жанрҳои фолклорӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии кӯдакон ахамияти махсус пайдо мекунад.

Навоварии мавқеи муаллиф дар асоснок кардан ва муайян намудани мазмун ва инкишофи ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ дар ҷараёни таълим аст;

Афзалиятҳои кор инҳоро дар бар мегиранд:

-тадқиқоти ҳамаҷониба оид ба проблемаи муосири педагогӣ пешниҳод карда шудааст;

-дар бораи ҷаҳонбинии кӯдакон ва қонуниятҳои инкишофи ҷаҳонбинии педагогикаи тоҷик андешаҳои назарраси назариявӣ пешниҳод карда шудааст.

-дар заминаи эҷодиёти шифоҳии халқ, аз ҷумла жанрхои ҳикоя, шеър ва зарбулмасал намунаҳои умумии педагогии ҷаҳонбинӣ муайян карда шудаанд.

-натиҷаҳои дар рафти омӯзиш ба даст овардашуда барои илм ва амалия аҳамияти калон доранд.

Ҳамчун нуктаи баҳсталаб зарур мешуморем, ки масъалаи технологияи инкишофи ҷаҳонбиниро бо истифода аз мисолҳои мушаххаси истифодаи жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ба миён гузорем. Мехостем, ки хусусиятҳои онҳоро дар робита бо намудҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ ва усулҳои мувофиқи ташкили фаъолияти таълимии хонандагон равшан созем.

Муаллиф, ба андешаи мо, кори ҷиддиеро анҷом додааст, ки ин имкон дод, ки хусусиятҳои асосии инкишофи ҷаҳонбинӣ тавассути омӯзиши осори эҷодиёти шифоҳии халқ муайян ва ошкор карда шавад. Натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро дар амалияи таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан мумкин аст.

Шинос шудан бо матни автореферат дар мавзӯи «Инкишофи ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии мардумӣ» имкон медиҳад изҳор намоем, ки дар он самтҳои асосии тадқиқот инъикос ёфтааст. Мавзӯъҳои асарҳои чопшудаи муаллифи рисола ба масъалаҳои тадқиқоти рисола мувофиқат мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки тадқиқоти Норова Заррина Исломовна дар мавзӯи «Инкишофи ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии мардумӣ» кори анҷомёфтаи тахассусии илмӣ мебошад. Он ба талаботи “Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2023 № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Довталаб сазовори унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Грибкова Олга Владимировна,
Доктори илмҳои педагогӣ (13.00.02 -
Назария ва методикаи таълим ва тарбия (мусиқӣ)),
дотсенти Муассисаи давлатии худмухтори
таълимоти олии шаҳри Москва «Донишгоҳи шаҳрии

педагогии Москва»,Донишкадаи фарҳанг ва санъат,
департаменти санъати мусиқӣ,профессори
департамент

_________________ /Грибкова О.В./

Нишонӣ:
Грибкова Олга Владимировна
МДХТ ТО ш. Москва «ДШПМ»,
1292262, хиёбони Селскохозяйственный, б.4,
Телефони корӣ: 8 (499)1382579(иловагӣ
126) e-mail ҷои кор: Gribkova@mgpu. ru web-
сомонаи ташкилот: https:/ /www.mgpu.ru .

06.12.2024г

Бо нашрияҳои асосии илмии Грибкова Олга Владимировна дар сомонаи интернетии: https://e-library.ru. пайдо кардан мумкин аст.

ПОДПИСЬ РУКИ О. В. Грибковой ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВОГО УЧЕТА
В.Н. ШОЛОХОВА

0359458

МАРКАЗИ ТАРҶУМОНИИ "ОРИЁ"
ЦЕНТР ПЕРЕВОДОВ
TRANSLATION CENTRE "ORIYO"
Date 06.12.24 Signature
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ
ПЕРЕВОД ВЕРЕН
TRANSLATION IS CORRECT
Address: Dushanbe, Rudaki str. 56

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе

Шашуми декабри соли ду хазору бисту чорум сол

Ман, Зувайдзода Ҷ.А, нотариуси давлатии саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон , дар айни ҳол аслияти имзои тарҷумон Хайруллаева Нигора Ҷамшедовнаро , ки дар ҳузури ман гузошт, тасдиқ менамоям.

Шахсияташ муқаррар карда шудааст.

Дар феҳрист таҳти № 1Д-38626 сабт карда шуд

Боҷи давлатӣ 2.16 пардохт карда шуд

Нотариуси давлатӣ